# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ҳусайнзода Руҳуллоҳ Салоҳуддин дар мавзӯи «Саҳми Абурайҳони Берунӣ дар инкишофи донишҳои риёзӣ дар асрҳои миёна» барои дарёфти барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060100-математика, 6D060101 - Таърихи илму техника (математика).**

Бояд гуфт, ки дар таърихи илму техникаи ҷаҳонӣ саҳми донишмандони асримиёнагии форс-тоҷик ба дараҷаи бояд омӯхта нашудааст. Ниёгони тоҷикон чӣ тавре, ки дар соҳаҳои адабиёт, таърих ва фалсафа саҳми бузург доранд, дар соҳаҳои илмҳои табииётшиносӣ (физика, химия, биология ва ғ.), риёзӣ (математика, геометрия, тригонометрия), табақоту-л-арз (геология), техника, тиб, дорушиносӣ низ саҳми босазо доранд, ки мутаассифона то ҳанӯз мавриди таҳлилу таҳқиқи амиқу густурда қарор нагирифтааст.

Диссертатсияи Ҳусайнзода Руҳуллоҳ Салоҳуддин (Ҳусайнов Руҳулло Салоҳиддинович) ба яке аз масъалаҳои мубрами таърихи математика дар мисоли осори риёзии Абурайҳони Берунӣ бахшида шудааст. Абурайҳони Берунӣ аз зумраи он донишмандони энсиклопедисти асримиёнагии форс-тоҷик маҳсуб мегардад, ки ҳанӯз дар замони худаш шуҳрати ҷаҳонӣ касб карда, дар аксари соҳаҳои илмҳои ақливу нақлии замонааш нақши муасир гузоштааст.

Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Ҳусайнзода Руҳуллоҳ Салоҳуддин иборат аз омӯзишу таҳлил ва татбиқу истифодаи осори риёзии яке аз донишманди овозадори асримиёнагии форс-тоҷик Абурайҳон Муҳаммад ибни Аҳмади Берунии Косии Хоразмӣ (973, Кос-1048, Ғазна) ба шумор меравад, ки ӯ мустақилона ва муҳаққиқона аз ӯҳдаи ин кор баромадааст.

Омӯзиши кору пайкор, осору аҳвол ва зиндагиномаи донишмандони ҷаҳоншумули асримиёнагии тоҷик баёнгари он аст, ки дар тӯли асрҳои зиёд осору афкори ғании онҳо такомулбахши илму фарҳанги ҷаҳонӣ буда, дар ганҷинаи тамаддуни инсоният бо ҳарфҳои заррин абадӣ нақш бастаанд.

Диққати асосӣ дар диссертатсия ба саҳми Абурайҳони Берунӣ дар ташаккул ва инкишофи соҳаҳои гуногуни риёзиёти замонааш – назарияи ададҳо (арифметикаи назарӣ, арифметикаи амалӣ),

алгебра, геометрия, тригонометрия (тригонометрияи ҳамвор ва куравӣ) бахшида шудааст.

Муаллиф диссертатсияи худро дар ҳаҷми се бобу ҳафт фасл таҳлилу таҳқиқ намуда, дар муқаддимаи он интихоби мавзӯъ, аҳамияти дараҷаи омӯзиш, вазифаю ҳадаф ва инчунин таҳқиқу марҳилаҳои омӯзиши онро комилан дуруст баён кардааст.

Муаллиф дар боби якуми рисолааш «Замони зиндагӣ ва ҳаёту фаъолияти Абурайҳони Берунӣ», ки аз се параграф иборат аст, вазъи иҷтимоию фарҳангии Мовароуннаҳр (ватани Абурайҳони Берунӣ)-ро дар асрҳои X-XI мухтасару мушаххас мавриди баррасӣ қарор дода, дуруст қайд кардааст, ки Мовароуннаҳру Хуросон ҳамчун ватани бумии тоҷикон дар таърихи тамаддуни башарӣ мавқеи хоса доранд. Ҳатто дар яке аз аввалин ва бузургтарин маркази илмии асримиёнагии олами ислом бо номи “Байт-ул-ҳикма” (“بيت الحكمة”) – “Хонаи хирад”, ки дар таърихи илму фарҳанги мусалмонон нақши босазое дорад, аксари донишмандоне, ки ба омӯзишу пажӯҳиши донишҳои ақдӣ сари кор доштаанд, зодагони Хуросону Мовароуннаҳр ба шумор мерафтанд. Дар боби аввал ҳамчунин мухтасари рӯзгори Абурайҳони Беруниро бо баъзе тасҳеҳот дар зиндагиномаи ӯ нишон додааст, ки қобили қабул аст.

Диссертант дар боби дуюми рисолааш «Абурайҳони Берунӣ ва математика» ном дошта, аз ду параграф иборат мебошад. Дар параграфи якум, ки «Мавқеи математика (риёзиёт) дар осори Абурайҳони Берунӣ» номида шудааст, донишҳои марбут ба риёзиёт новобаста аз шакли таълифоти ӯ, ки асари энсиклопедӣ ва ё рисолаҳои махсуси риёзӣ мебошанд, мухтасаран ва мушаххасан мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Чӣ тавре дар боби гузашта қайд кардем, Абурайҳони Берунӣ аз худ мероси гаронбаҳое бароиояндагон ба мерос гузоштааст, ки дар он ҷойгоҳи донишҳои риёзӣ мавқеи хоса дорад. Донишҳои риёзӣ дар системаи осори Абурайҳони Берунӣ фарогири масъалаҳои арифметика (шуморнома ё илми ҳисоб), алгебра (алҷабр), геометрия (ҳандаса), тригонометрия (илми мусалласот) мебошанд.

Дар боби сеюми диссертатсияи муаллиф «Нақш ва саҳми Абурайҳони Берунӣ дар геометрия ва тригонометрия» номгузори гардидааст, зеро яке аз бахшҳои илми риёзӣ, ки дар осори

Абурайҳони Берунӣ мавқеи хоса дорад, донишҳои ҳандасӣ ба шумор меравад. Фаъолияти риёзидонони асримиёнагии олами ислом дар соҳаи геометрия бар асоси тарҷума ва шарҳҳо бар «Ибтидо»-и Уқлидус (Евклид) қарор дошт. Аксар рисолаҳои риёзидонони асримиёнагии олами ислом аз рӯи сохтор монанд буда, аз таърифҳои асосии мафҳумҳои фан оғоз меёбанд. Қисми аввали асари Абурайҳони Берунӣ «Китоб-ут-тафҳим ли авоили синоати-т-танҷим» («Китоби андарз барои оғози илми ситорашиносӣ») аз геометрия оғоз ёфтааст ва аз 530 саволу ҷавоби дар он овардашуда 71-тоаш ба геометрия мансуб мебошад

Ҳамин тавр, аз таҳлили бобҳои якуму дуюми диссертатсия чунин хулоса карда мешавад, ки Абурайҳони Берунӣ, новобаста аз гирудори сиёсии замона, дар асри, ба истилоҳ, гулгулшукуфӣ ва тиллоии таърихи тамаддуни тоҷикон, тавассути осори гаронбаҳову гуногунҷабҳааш, ки то имрӯз диққати Берунишиносони ҷаҳонро ба худ ҷалб кардааст ва махсусан осори риёзиаш, ки натанҳо дар таърихи тамаддуни тоҷикон, балки дар таърихи тамаддуни умумибашарӣ мавқеи хоса дорад, дар ташаккулу пешрафти риёзиёти замонааш саҳми босазо гузоштааст. Ӯ дар ташаккул ва инкишофи донишҳои риёзӣ (математикӣ) бо мафҳум ва дарки васеи он дар замонааш, яъне дар ташаккулу инкишофи донишҳои арифметикӣ (“шуморнома” ва “илми ҳисоб”), арифметикаи назарӣ ва амалӣ (шуморномаи назарӣ ва корбурдӣ), тригонометрӣ (илми мусалласот), геометрӣ (ҳандаса) саҳми босазо гузоштааст, ки қобили омӯзишу пажӯҳиши мутахассисони таърихи математика ба шумор меравад.

Воқеан дастовардҳои илмии Абурайҳони Берунӣ дар илми риёзиёт ва таълифоту таснифоти гаронбаҳои ӯ дар ин соҳа дар таърихи илму фарҳанги ҷаҳонӣ нақши муасир гузоштааст.

Умуман, бобҳо ва фаслҳои онҳо пурра инъикоскунандаи мазмуну мундариҷаи рисола мебошанд.

Мазмуну муҳтавои рисола бо фишурдаҳои он, ки ба забонҳои давлатӣ ва русӣ таълиф гардидаанд, мувофиқати комил дорад. Мақолаҳои таълифнамудаи унвонҷӯй комилан инъикоскунандаи моҳияти рисола мебошанд.

Бояд гуфт, ки диссертатсияи мазкур яке аз таҳқиқоти ҷолиб дар соҳаи таърихи илм ва техника ба шумор меравад, ки муаллифашро ҳамчун муҳаккики босалоҳият дар соҳаи интихобкардааш, ки соҳаи нодир ва муҳим мебошад, муаррифӣ мекунад. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки муаллифи рисолаи мазкурро ҳамчун ҷавони умедбахш дар соҳаи таърихи илму техника (математика) муваффакиятҳои дигар интизор хоҳад буд.

Рисолаи диссертатсионии Ҳусайнзода Руҳуллоҳ Салоҳуддин дар мавзӯи «Саҳми Абурайҳони Берунӣ дар инкишофи донишҳои риёзӣ дар асрҳои миёна» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060100-математика, 6D060101 - Таърихи илму техника (математика) тадқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, аз рӯи ҳаҷм, арзиши назарию амалӣ ва хулосаҳову натиҷагириҳояш ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии мазкур аз рӯи ихтисоси зикршуда мебошад.

**Роҳбари илмӣ**
доктори илмҳои физикаю математика
ва номзади илми таърих, профессор — Комилӣ А. Ш.
26-12-2025

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67
ДДБ ба номи Носири Хусрав
E-mail: akomili2006@mail.ru
Тел.: (+992) 93-103-18-00

Имзои А.Ш.Комилӣ-ро
тасдиқ мекунам, сардори ШК ва КМ
ДДБ ба номи Носири Хусрав — Нажмидинов М.М.